**ТДУ: 63:338.1**

# ТАЪСИРИ ОМИЛҲО БА РУШДИ УСТУВОРИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОИИ ДЕҲОТ ДАР МИНТАҚА

**Самандарова С.И. -** унвонҷӯи ИИТСРК АИКТ

***Калимаҳои калидӣ:*** *омил, рушди устувор, ҳудуди деҳот, минтақа, инфрасохтор, инфрасохтори иҷтимоӣ, сокинони деҳот, талаботи моддӣ, омили инсонӣ, захираҳои меҳнатӣ, талаботи аҳолӣ, самаранокии истеҳсол, соҳаи кишоварзӣ, истеҳсолоти моддӣ, ҳосилнокии меҳнат, афзоиши сармоягузорӣ.*

Тағйироти ниҳодӣ ва бозоргонӣ зарурати мутобиқсозии соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоиро ба шароити муосири иқтисодӣ пеш оварданд. Таъсири омилҳо ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ бояд ба назар гирифта шавад, зеро таҳлили онҳо имкони арзёбии муназзами умқи мушкилоти онро муҳайё мекунад.

Ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ омилҳои тақозо (минтақавӣ, ширкатӣ, шахсиятӣ), ки хосияти субъективӣ доранд ва тарҳрезии дарозмуддатро душвор мегардонанд, таъсир мерасонанд. Ба омилҳои минтақавии субъективӣ ҳувияти аҳолӣ, ҷаҳонбинии фалсафӣ ва динӣ, хусусиятҳои миллӣ, суннатҳои миллӣ (аз ҷумла одати истеъмоли маҳсулот) ва ғайра мансуб мебошанд. Ба омилҳои ширкатӣ сиёсати мудирият, сатҳи масъулияти соҳибмулк, ниятҳои сиёсӣ, хайрия ва ғайраҳо дохил мешаванд .

Ҳангоми баррасии фаъолияти иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ - истеҳсолии деҳот як идда хусусиятҳои онро ҷудо мекунанд.

Хусусияти истеҳсоли кишоварзӣ ба инфрасохтори иҷтимоӣ - истеҳсолӣ таъсири хос мегузорад. Меҳнати кишоварзӣ бо хосияти мавсимӣ, нобаробарӣ тафовут дорад. Ин дар навбати худ ба нобаробарии тақозои аҳолӣ ба хизматрасонии иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ - истеҳсолӣ боис мешавад. Тақозои бештарин, албатта, дар айёми ҳаҷми камтарини корҳои кишоварзӣ ба мушоҳида мерасад. Илова ба ин бояд дар назар дошт, ки дар деҳот тақозо ба хизматрасонии дорои хусусияти маънавӣ бо маҳдудияти вақти сокинони деҳот бо сабаби пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ маҳдуд аст.

Меҳнат дар корхонаву муассисаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ба қонеъсозии талаботи моддӣ ва маънавии аҳолӣ, ташаккули бевоситаи омили инсон равона гардида, ба беҳшавии сифати захираҳои меҳнатӣ, бастагии бештари онҳо ба деҳа мусоидат мекунад, сатҳи иқтидори меҳнатии маҳалҳои деҳотро боло мебарад.

Дар ҳудуди деҳот талаботи аҳолӣ ба хизматрасонии иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ хусусияти худро дорад. Сатҳи пасти даромади сокинони деҳот, таъхири муназзами пардохти музди кор батадриҷ боиси ихтисори истеъмоли хизматрасонии музднок аз ҷониби аҳолии деҳот мегардад [6].

Хосияти вижаи талаботи аҳолии деҳот ба зарурияти ҷойгирнамоии чунин иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳот оварда мерасонад, ки танҳо хоси деҳа мебошанд ва чун қоида, дар ҳудуди шаҳрҳо ҷойгир карда намешаванд.

Инфрасохтори иҷтимоӣ бо истеҳсолот робитаи қавӣ дорад. Ба ғайр аз ин, ин робита фаъол аст. Аз як тараф, ҳамоҳангӣ, самаранокии истеҳсол ба сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ вобастагӣ дорад, бе низоми хуб ташкилёфтаи инфрасохтори иҷтимоӣ ба даст овардани натиҷаи баланди иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар амал имкон надорад. Аз сӯйи дигар, маҳз рушди истеҳсолоти моддӣ самтҳои рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, ҳаҷми сармоягузорӣ ба онро муайян мекунад.

Инфрасохтори иҷтимоӣ ба ҳосилнокии меҳнат, рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа таъсири зиёд мерасонад. Ин дар натиҷаи баланд шудани савияи таҳсилоти кормандон, такмили ихтисоси кадрҳо, истифодаи пурратари иқтидори меҳнатӣ, афзоиши рағбати кормандон ба меҳнат дар шароити мусоид имконпазир мегардад. Аз тарафи дигар, худи сатҳи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва смаранокии амалкарди истеҳсолот яке аз муайянкунандаҳои асосии ташаккули инфрасохтори иҷтимоӣ, омили доимии таъсиррасонанда ба он мебошанд.

Ба ғайри ин инфрасохтори иҷтимоӣ афзудани тақозои бештар ба мошину таҷҳизот, масолеҳ ва ғайра қисман метавонад рушди истеҳсолоти моддиро бедор кунад. Он ҳамчунин бозори фарохи қувваи корӣ мебошад. Пӯшида нест, ки дар кишварҳои дорои иқтисоди бозаргонии рушдкарда ҳиссаи машғулони соҳаҳои иҷтимоӣ ҳамеша дар баробари коҳишёбии умумии шуғл дар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ меафзояд. Дар натиҷа соҳаи иҷтимоиро чун яке аз роҳҳои ихтисори сатҳи бекорӣ метавон баррасӣ кард.

Дар адабиёти ба иқтисодиёт марбут ақидаи исботшудае ҳаст, ки чӣ қадаре ки суръати рушди иқтисодии ин ё он воҳиди ҳудудӣ бештар бошад, ҳамон қадар имконот барои афзоиши сармоягузорӣ ба инфрасохтори иҷтимоӣ бештар мебошад. Дар оқибати кор ин хароҷот аз ҳисоби афзоиши фаъолияти меҳнатӣ, рағбати кормандон ба натиҷаи

меҳнат, беҳбуди вазъи молиявии корхона талофӣ мешаванд. Ба ғайр аз ин, инфрасохтори иҷтимоии рушдёфта, чун қоида ба ташаккули коллективҳои мустаҳками меҳнатӣ мусоидат намуда, ихроҷи кадрҳоро коҳиш медиҳад, ҷолибиву нуфузи меҳнати кишоварзиро меафзояд ва муҳоҷирати аҳолии деҳотро кам мекунад.

Аз тарафи дигар, сатҳи пасти рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ногузир ба бадшавии вазъи демографии минтақа, мушаххасан ба афзоиши фавти аҳолӣ, коҳиши сатҳи таваллуд, ихроҷи аҳолӣ аз деҳот ва хусусан шахсони синни қобили меҳнату ҷавонон оварда мерасонад.

Хусусияти дигари инфрасохтори иҷтимоӣ ин аст, ки фаъолияти иншооти он ҳамеша бо хизматрасонии истеҳсолот ва аҳолӣ дар ҳудуди муайян иртибот дорад. Дар адабиёти иқтисодӣ ақидае иброз шудааст, ки иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ - истеҳсолӣ, пеш аз ҳама, қисме аз низоми минтақавии таъмини ҳаёт мебошанд. Вобаста ба ин таҳқиқи инфрасохтори иҷтимоиро танҳо бо назардошти хусусиятҳои минтақавии рушди он таҳқиқ бояд кард. Илова ба ин баназаргирии хусусиятҳои минтақавии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ба коҳиши хароҷоти рушди шабакаи шуъбаҳои зерсохтор мусоидат мекунад.

Ҷойгирнамоии оқилонаи корхонаву муассисаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ имкони сарфаҷӯии 10 дарсади маблағгузорӣ ва бештар аз инро муҳайё мекунад. Ҳама омилҳои таъсиррасон ба ҷойгиронӣ ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ вобаста ба пайдоиш ва таркиби иҷтимоӣ - иқтисодӣ ба гурӯҳҳои зер тақсим карда мешаванд: иқтисодӣ, демографӣ, иҷтимоӣ, шаҳрсозӣ, табиӣ – иқлимӣ, шароити ғайриодӣ (тасодуфӣ ё таносубӣ) - и ҳаёту фаъолият.

Маҷмӯи омилҳои мухталифе, ки тафовути минтақавии инфрасохтори иҷтимоиро муайян мекунанд, ба омилҳои бевосита муайянкунандаи шабакаҳои иншоот ва омилҳои муайянкунандаи талабот ба хизматрасонии иҷтимоӣ, яъне ғайримустақим, масалан, тавассути талаботи одамон ва низоми муносибатҳои тақсим амалкунанда тақсим карда мешаванд. Нақши барандаро дар рушди инфрасохтори иҷтимоӣ омилҳое мебозанд, ки сатҳи ташаккули низоми сукунат ва сатҳи рушди истеҳсоли моддиро тавзеҳ медиҳанд [2].

Зимни баррасии омилҳои таъсиргузор ба ташаккулу рушди соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоии деҳот ҳама омилҳоро ба омилҳои моддӣ - техникӣ, омилҳои табиӣ - таърихӣ, омилҳои ташкилӣ - хоҷагӣ, омилҳои иқтисодӣ, омилҳои иҷтимоӣ тақсим мекунад, ки дар умум бо ақидаҳои фавқуззикр шабеҳ аст [12].

Омилҳои мазкурро ба чунин гурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст: омилҳои берунӣ (таносуби бозори ҷаҳонӣ, вазъ дар иқтисоди ҷаҳонӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, равандҳои демографӣ, муносибатҳои фарҳангӣ ва ғ.) ва омилҳои дохилӣ (самти иҷтимоӣ, ангезаи иҷтимоӣ, имтиёзоти мухталиф, шаклҳои музди кор, ҳавасмандиҳои фардӣ ва ғ.) [1].

Омилҳои таъсиркунанда ба рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ва ба рушди соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим шудаанд: омилҳои техникӣ - технологӣ, ташкилӣ - иқтисодӣ, табиию иқлимӣ, иҷтимоӣ ва захираҳои меҳнатӣ [3].

Бар асоси гуфтаҳои боло, ба ин омилҳо ҳувияти миллӣ ва асли суннатию қавмии аҳолии ҳудуди деҳотро метавон зам кард, ки ба ташаккулу рушди иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ таъсири мустақим ва ғайримустақим мерасонанд.

Омилҳои дигареро, ки ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот таъсир мерасонанд, М. В. Каймаков муайян кардааст. Дар миёни онҳо омилҳои зеринро муҳимтар мешуморад: талаботи аҳолӣ ба хизматрасонии ташкилоти инфрасохтори иҷтимоӣ; имконоти қонеъсозии талаботи аҳолӣ ба хизматрасонии ташкилоти инфрасохтори иҷтимоӣ; сифати зиндагӣ ва равандҳои демографӣ; инноватсияҳо [4].

Омилҳои ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ таъсиркунанда ба омилҳои танзимнашаванда ва танзимшаванда тақсим шудааст. Ба омилҳои танзимнашаванда мавқеи ҷуғрофӣ, мавқеи геополитикӣ, шароити табиию иқлимии ҳудуд, таркибу сохтори демографии аҳолӣ, таъмини захиравии ҳудуд, урфу одат дохил мешаванд. Ба гурӯҳи омилҳои танзимшаванда сохти маъмурӣ, омили ташкилӣ - идорӣ, омили иҷтимоӣ - равонӣ, омилҳои иқтисодӣ ва бозорӣ дохил шудааст [5].

Ҷамъбандии равишҳои мухталифи таснифи омилҳои рушди инфрасохтори иҷтимоӣ барои тадқиқи таснифоти онҳоро аз дидгоҳи таъсирашон ба рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳот тибқи нишонаҳои зерин имкон медиҳад:

- аз рӯйи муносибат ба субъекти иқтисод - дохилӣ ва берунӣ,
- аз рӯйи муносибат ба шароити хоҷагидорӣ - объективӣ ва субъективӣ,
- дараҷаи таъсир ба субъект - ба омилҳои таъсири мустақим ва ғайримустақим (Рас.1).




**Расми 1** – Таснифи омилҳое, ки ба рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии ҳудуди деҳот таъсир мерасонанд

Омилҳои берунии рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳотро одатан ба омилҳои мустақиму ғайримустақим тақсим мекунанд. Омилҳои мустақим ба сатҳи устувории иҷтимоии деҳот таъсири бевосита мерасонанд. Омилҳои ғайримустақим ба вазъу сатҳи устуворӣ таъсири мутавассит мерасонанд.

Аз омилҳои берунии таъсири ғайримустақим муҳимтаринаш сатҳи рушди илмию техникӣ; хусусиятҳои табиию ҷуғрофӣ; фарҳангию таърихӣ; сатҳи истеъмоли алкогол дар деҳот ва сатҳи ҷиноятқорӣ; вазъи умумии сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошанд.

Сатҳи пасти рушди илмию техникии истеҳсолоти кишоварзӣ мисли пешина ин соҳаро дар сатҳи пурмеҳнатӣ ва ғайриҷолиб барои мутахассисони ҷавон мегузорад. Сабаби асосии ихроҷи ҷавонон аз ҳудуди деҳот ва дар натиҷа коҳиш ёфтани тақозо нисбати хизматрасонии корхонаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ дар ҳамин аст.
Омилҳои табиию ҷуғрофӣ маҷмӯи омилҳои иқлимӣ, ҷуғрофӣ ва экологие мебошанд, ки ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот таъсир мерасонанд. Таъсири омилҳои мазкур мансуби омилҳои берунӣ мебошад. Шароити иқлим ва иқтидори захираи сохтори соҳаи иҷтимоӣ, нархи хизматрасонӣ ва мувофиқ ба ин, хосияти соҳаҳои дохили инфрасохтори иҷтимоиро муайян мекунад. Оқибатҳои иқтисодии ин номақбулии шаклҳои стандартии хоҷагидорӣ, афзоиши масрафи захираи истеҳсол, коҳиши ҳосилнокии меҳнат ва рақобатазирии маҳсулот, зарурати захира ва дастгирии зиёди бисёрии минтақаҳо мебошанд.

Хусусиятҳои фарҳангию таърихии ин ё он маҳали деҳот сатҳу шароити зисти аҳолии ин ҳудудро муайян мекунанд. Онҳо ангезаи ҷалби аҳолӣ ба деҳот шуда метавонанд.

Ба омилҳои берунии мустақим дастгирии давлатӣ ва танзими давлатӣ, вазъи демографӣ, ҳолати инфрасохтори бозор, сатҳи рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ва вазъи инфрасохтори муҳандисӣ дохил мешаванд.

Тайи даҳсолаи охир дар ҷумҳурӣ унсурҳои асосии низоми дастгирии давлатии инфрасохтори иҷтимоӣ шакл гирифтанд. Бо таваҷҷуҳ ба шароити муосиру мушкилоти рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, инчунин самараи ками тадбирҳои давлатии дастгирии он, рушду такмили баъдии тамоми низоми дастгирии давлатии инфрасохтори иҷтимоӣ алҳол омили калидии рушди муваффақи деҳот мегардад. Василаи асосии татбиқи дастгирии давлатӣ барномаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, минтақавӣ, ноҳиявии рушду дастгирии инфрасохтори иҷтимоии деҳот мебошанд.

Барои татбиқи тадбирҳои рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии ҳудуди деҳот дар ҷумҳурӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии ҳудуди деҳотро дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба танзим медароранд.

Мақсади дастгирии давлатии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳот эҷоди шароити муайян баҳри таъмини амалкарди муътадили кору фаъолияти аҳолии деҳот, дастрасӣ ба унсурҳои зарурии таъмини иҷтимоии деҳотиён мебошад. Яке аз аломатҳои асосии низоми танзими давлатии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот имрӯз бояд дастгирии ҳадафҳо - омилҳои рушди мусбати сатҳи зисти аҳолии деҳот бошад.

Инфрасохтори бозорро чун маҷмӯи унсурҳо, ниҳодҳо ва навъҳои фаъолияти созандаи шароити ташкилию иқтисодии амалкарди бозор ва ҳам ташкилот, корхонаву хадамоти давлатию тиҷоратии таъмингари амалкарди муътадили бозор маънидод мекунанд. Хидматгузории муносибатҳои мутақобилаи тавлидгарони мол ва истеъмолгарони бевоситаи онҳо таъиноти асосии ниҳодҳои зерсохтор мебошад. Ба ин васила, инфрасохтори бозор муҳити иқтисодии зарурире барои амалкарди муътадили раванди такрористеҳсол дар инфрасохтори иҷтимоии деҳот низ фароҳам месозад.

Инфрасохтори муҳандисӣ ва иҷтимоӣ бо ҳам робитаи наздик доранд. Рушди устувору сифати инфрасохтори иҷтимоӣ мустақиман дастрасӣ ва тақозо ба инфрасохтори иҷтимоиро, хусусан дар деҳот муайян мекунад. Мавҷудияти роҳҳо ва сифати онҳо, назми ҳаракати нақлиёти мусофирбар, сифати алоқа ва унсурҳои дигар ба пурратар қонеъ шудани тақозо ба иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

Азбаски истеҳсолоти кишоварзӣ дар амал манбаи асосии даромад дар деҳот аст, сатҳи он бо сифати амалкард робитаи қавӣ дорад. Бӯҳрони истеҳсолоти кишоварзӣ ба андозаи беш сабаби тахрибии инфрасохтори иҷтимоии деҳот гашт. Набудани кори доимӣ, сатҳи пасти музди кор бо иловаи шиддати бузурги меҳнат дар истеҳсолоти кишоварзӣ аҳолии таҳҷоиро ба тарки ҳудуди деҳот ва маскуният дар ҳаволии шаҳрҳои калон водор мекунад. Бинобар ин қабл аз инкишоф додани инфрасохтори иҷтимоӣ ба рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ бояд ноил шуд. Ба мушкилоти демографии маҳалҳои деҳот сатҳи баланди фавт ва сатҳи таваллуд, ихтисори шумора ва «пиршавии» аҳолии деҳот, муҳоҷирати ҷавонон аз деҳотро нисбат метавон дод. Аз як тараф, ин тақозо ба хизматрасонии иншооти инфрасохтори иҷтимоиро коҳиш медиҳад, аз сӯйи дигар, яке аз сабабҳои асосисаш сатҳи пасти зист ва сифати хизматрасонӣ дар деҳот мебошад.

Нақши омилҳои дохилӣ, ки дар сатҳи деҳот таъсири зиёд мерасонанд, муҳим аст. Дар деҳот, аз як тараф, шароити зиндагӣ ва рушди аҳолии дехот шакл мегиранд, аз тарафи дигар асоси таъмини озуқаворнии кишвар гузошта мешавад. Омилҳои дохилӣ объективӣ ва субъективӣ мешаванд.

Омилҳои объективӣ аз раванд ё ҳолатҳои воқеан инкишофёбанда бармеоянд. Ба онҳо: ҷолибияти сармоягузории инфрасохтори иҷтимоии деҳот, сифату рақобатпазирии хизматрасонии инфрасохтори иҷтимоӣ ба аҳолии деҳот, иқтидору пойгоҳи захиравии корхонаҳо, инчунин ҷойгиркунӣ, тахассус ва таҷамӯи иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ тибқи хосияти маҳал дохил мешаванд.

Омилҳои субъективӣ мудрикона ва ба мақсади муайян аз тарафи гурӯҳҳои алоҳидаи одамон бар асоси манфиати шахсӣ ва иқтисодии онҳо сохта мешаванд. Муҳимтарини онҳо сатҳи ихтисоси мутахассисони соҳаи иҷтимоӣ, ташкил ва идораи кори муассисаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, иштироки фаъоли кормандон дар рушди корхонаҳои деҳот, ҳувият, урфу одати аҳолии деҳот, сатҳи зисти сокинони деҳот мебошанд.

Хулоса, таҳлили доиршуда нишон дод, ки дар шароити гузаштан ба иқтисоди бозорӣ нақшу аҳамияти соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоии деҳот мунтазам боло меравад. Вобаста ба ин хусусияту омилҳое, ки ба ташаккулу рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар ҳудуди деҳот таъсир мерасонанд, нақши муҳимро мебозанд ва онҳоро ҳангоми баргузории чорабиниҳои дастгирии давлатии соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва дар ҳудуди деҳот бояд ба назар гирифт.

## АДАБИЁТ


1. Ахмедов Р.Р. Основы формирования и развития сферы социальных услуг в сельской местности / автореф. на соис. уч. стени к.э.н. 2017. 22с.
2. Ефимова Г.А, Исаев Г.А. Экономический анализ межрегиональной социально - экономической дифференциации сельских территорий // Статья Известия Международной академии аграрного образования - СПб, 2012.- № 14.- Т.2. - С. 67-74.
3. Исайнов Х.Р. Эколого – экономические основы повышения эффективности мелиорации в сельском хозяйстве (теория, методология и практика)- М., ФГОУ ВПО РГАУ-МСХА им К.А. Тимирязева, 2007.- 268.с.
4. Каймакова М. В. Экономический механизм развития сельской социальной инфраструктуры региона: автореферат дисс. на соискание ученой степени канд. экон. наук 08.00.05 – Москва, 2009. – 23 с.
5. Кочерга А. И. Народнохозяйственный комплекс и социальные проблемы / А. И. Кочерга, А. А. Мазараки – М.: Мысль, 1981. – 272 с.
6. Кузнецова Ю.А. Социальная инфраструктура в рамках концепции конкурент устойчивости территории // Международной журнал прикладных и фундаментальных исследований, 2017. -№8 (часть 2). -С. – 333 – 337.

7. Мадаминов А.А. Влияние совершенствования инфраструктуры села на устойчивое развитие сельского хозяйства – Душанбе: НПИ Центр, 2001. –8с.
8. Мерзлов Ф. В. Региональный опыт разработки программ устойчивого развития сельских территорий / Ф. В. Мерзлов, Л. А. Овчинцева, О. А. Попова // М.: ФГБНУ «Росинформагротех», 2012.–112 с.
9. Петриков А.В. Проблемы и перспективы устойчивого развития сельских территорий / Роль и место агропромышленного комплекса в удвоении валового внутреннего продукта России. (Основные доклады) I Всероссийский конгресс экономистов- М., 2005.-С.94.
10. Рубан В. А. Проблемы развития социальной инфраструктуры региона / В. А. Рубан // Российское предпринимательство № 09 (207) за 2012 год, стр. 148-151.
11. Самандаров И.Х. и др. Влияние социальной инфраструктуры на устойчивое развитие сельских территорий – Душанбе, 2011.- 136с.
12. Самандаров И.Х. Уровень развития социальной инфраструктуры села- Душанбе: Изд-во ТАУ, 2003.- 140с.

## АННОТАЦИЯ
## ВЛИЯНИЕ ФАКТОРОВ НА УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ СОЦИАЛЬНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ РЕГИОНА

В статье рассматривается влияние факторов на устойчивое развитие социальной инфраструктуры региона, т. е. внешних факторов (пропорции глобального рынка, ситуация в мировой экономике, социальные отношения, демографические процессы, культурные отношения и др.) и внутренних факторов (социальная ориентация, формы оплаты труда, индивидуальные поощрения и др.)

***Ключевые слова:*** *факторы, устойчивое развитие, сельская местность, регионы, социальная инфраструктура, сельское население, материальная потребность, человеческий фактор, трудовые ресурсы, потребности населения, эффективность производства, сельское хозяйство, материальное производство, производительность труда, рост рабочей силы, прирост капитала.*

## ANNOTATION
## INFLUENCE OF FACTORS ON THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE SOCIAL INFRASTRUCTURE OF THE REGION

The article examines the influence of factors on the sustainable development of the social infrastructure of the region, i.e. external factors (proportions of the global market, the situation in the world economy, social relations, demographic processes, cultural relations, etc.) and internal factors (social orientation, forms of remuneration, individual incentives, etc.)

***Key words****: factors, sustainable development, rural areas, regions, social infrastructure, rural population, material needs, human factor, labor resources, population needs, production efficiency, agriculture, material production, labor productivity, labor force growth, capital gains.*